*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-091 назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ (734042, шаҳри Душанбе, хиёбони академикҳо, Раҷабовҳо, 10а)*

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Изатуллозода Рамазон Хайрулло дар мавзуи «Арзёбии экологии истифодаи тафолаҳои оҳангудозӣ дар истеҳсоли маводи сохтмонӣ (дар мисоли КВД «Коргоҳи машинасозӣ»)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060800 – Экология (6D060803 – Экология (илмҳои техникӣ))**

Гузаронидани корҳои таҳқиқоти дар самти коркард ва истифодабарии партовҳои сахти саноатӣ ҷиҳати ҳалли масъалаҳои экологӣ яке аз самтҳои мубрами илмӣ ба ҳисоб мераванд. Чун, ки таҳқиқоти илмии олимон нишон медиҳанд, ки истифодабарии партовҳои техногенӣ ба сифати ашёи хоми дуюмдараҷа дар истеҳсоли масолеҳои сохтмонӣ самаранок арзёби мегардад.

Аз ин лиҳоз, мубрамияти омӯзиши мавзуи «Арзёбии экологии истифодаи тафолаҳои оҳангудозӣ дар истеҳсоли маводи сохтмонӣ (дар мисоли КВД «Коргоҳи машинасозӣ»)» дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо як қатор омилҳои муҳими экологӣ, иқтисодӣ ва сарфакорона истифодабарии захираҳои табиӣ асоснок мегардад.

Муаллифи диссертатсия дар автореферати худ асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқотро хуб шарҳ дода, мубрамият ва дараҷаи омӯзиши мавзуъро асоснок намудааст. Ӯ ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, объект ва предмети омӯзиш, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, инчунин натиҷаҳои асосии бадастомадаро ба таври мухтасар ва мушаххас пешниҳод кардааст. Ҳамзамон, муаллиф саҳми худро дар иҷрои таҳқиқот нишон дода, татбиқи натиҷаҳоро дар амалия ва мувофиқати онҳо ба талаботи илмии соҳа асоснок менамояд. Инчунин, навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва маълумот оид ба апробатсия ва нашри натиҷаҳои илмӣ ба таври мушаххас баён карда шудааст.

Диссертант дар боби якум шарҳи таҳлилии адабиёти илмиро доир ба истифодабарии партовҳои тафолаҳои металлургӣ ва оҳангудозӣ дар масолеҳи гуногуни сохтмонӣ ва тоза кардани обҳои партов бо нишон додани нақшаҳои технологии истифодашаванда хуб барраси намудааст.

Дар боби дуюм қисми экспериментали корро дар бар мегирад. Дар ин боб хусусиятҳои асосии физикӣ - химиявии ашёи хом, тафолаи истеҳсолоти

оҳангудозӣ омӯхта шуда, усулҳои физикӣ - механикии таҷрибавӣ, ки дар таҳқиқот истифода шудаанд, пешниҳод карда шудааст. Кори илмӣ бо усулҳои муосири таҳқиқотӣ бо ёрии таҳлили гамма-спектрометрӣ, рентгенофазавӣ, химиявӣ ва дигар усулҳои таҳлилӣ иҷро гардидааст. Усулҳои муайян кардани ҳадди мустаҳкамӣ ҳангоми фишурдашавӣ ва хамиш мувофиқи талаботи стандартҳои байнидавлатии (ГОСТ) гузаронида шуданд.

Дар боби сеюм натиҷаҳои таҳқиқоти таҷрибавӣ дар дастгоҳҳо ва таҷҳизотҳои муосири озмоишгоҳи «Сохтҳо ва маводҳои сохтмонӣ» -и ҶСК Пажуҳишгоҳи илмӣ ва лоиҳакашию ҷустуҷӯии «САНИИОСП», озмоишгоҳи «Масолеҳ, технология ва ташкили сохтмонӣ» - Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ, озмоишгоҳи таълимӣ ва илмию истеҳсолии кафедраи сохтмони саноатӣ ва шаҳрвандии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ амалӣ карда шудааст. Натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳад, ки тафолаи оҳангудозӣ ҳамчун модификатори химиявӣ дар омехтаи ашёи хом дар истеҳсоли хиштҳои сафолӣ, блокҳои бетонӣ, тахтасангҳои пиёдароҳ ба стандартҳои (ГОСТ) сохтмонӣ ҷавобгу буда, барои бартараф намудани таъсири партовҳои сахти (тафолаҳои) металлургӣ ба муҳити зист мусбӣ арзёби мегардад.

Дар боби чорум нақшаҳои технологии истеҳсоли хишти сафолӣ, блоки бетонӣ ва тахтасангҳои (плитаҳои) пиёдароҳ бо истифодабарии тафолаи оҳангудозӣ пешниҳод гардидааст, ки дар муқоиса бо нақшаи технологии мавҷуда мураккаб набуда, дар ин раванд тафолаи оҳангудозӣ ҳамчун иловаи тағйирдиҳанда ба ҷои ангишт истифода мешавад. Сифати маҳсулоти истеҳсолшуда, ба талаботи истеҳсолот ҷавобгу мебошад.

Дар умум, қайд карда мешавад, ки натиҷаҳои илмии бадастомада сатҳи ҳаллу фасли масъалаҳои дар назди диссертатсия гузошташударо инъикос менамоянд.

Дар баробари ҷанбаъҳои мусбӣ дар автореферат мехостам дар рафти мубоҳиса ба саволҳои зерин ҷавоб шунавем:

1. Дар атореферати диссертатсия расмҳои 15 ва 16 муаллиф блок – нақшаи принсипиалии хатти муосиргардонидашудаи истеҳсоли хишти сафолӣ дар ҶДММ «Аква» ва нақшаи технологии истеҳсол кардани блокҳои бетонӣ ва тахтасангҳои пиёдароҳро пешниҳод намудааст. Оё нақшаи пешниҳодгардида дар ҶДММ «Аква» истифода мешавад ва ё дар дигар корхонаҳои саноати истифода бурдан мумкин аст?

2. Дар расми 4 -и автореферат нақшаи технологии пухтани хишти сафолӣ (керамикӣ) дар хумдони нақбӣ оварда шудааст, ки дар қисми боло ва поёни расм баъзе хатҳои тасвирёфта бе навиштаҷот оварда шудааст.

3. Дар таҳияи матн, нақшаҳо ва ҷадвалҳо баъзе хатогиҳои техникӣ ҷой доранд.

Камбудиҳои дар боло зикргардида тавсияви буда, баҳои воқеии кори илмии муалифро коста намегардонад.

Диссертатсияи муаллиф барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060800 – Экология (6D060803 – Экология (илмҳои техникӣ)) ва ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунад. Бинобар он, арзанда аст, ки муаллиф Изатуллозода Р.Х. ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060800 – Экология (6D060803 – Экология (илмҳои техникӣ)) сазовор гардад.

**Тақриздиҳанда:**
номзади илмҳои химия,
мудири шуъбаи илмӣ-тадқиқотӣ
ва таъмини сифати Агентии амнияти
химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ
ва ядроии АМИТ Бобоёров М.Д.

Имзои номзади илмҳои химия, мудири шуъбаи илмӣ-тадқиқотӣ ва таъмини сифати Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии АМИТ Бобоёров М.Д - ро тасдиқ менамоям:

Сардори шуъбаи кадрҳо, коргузорӣ ва
назорати Агентии амнияти химиявӣ,
биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии АМИТ Шосафарова Ш. Г.

ШУЪБАИ КАДРҲО

**Суроғаи муассиса:**
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33,
Тел. : +992 37 227 83 83
Факс : +992 37 221 38 38
Почтаи электронӣ : info@cbrn.tj

«26» 08 соли 2026

Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-091
назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба
номи академик М.С. Осимӣ (734042, шаҳри
Душанбе, хиёбони академикҳо, Раҷабовҳо,
10а, www.ttu.tj)

# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Изатуллозода Рамазон Хайрулло дар мавзуи «Арзёбии экологии истифодаи тафолаҳои оҳангудозӣ дар истеҳсоли маводи сохтмонӣ (дар мисоли КВД «Коргоҳи машинасозӣ»)», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060800 - Экология (6D060803 - Экология (илмҳои техникӣ)

Масъалаи ҷамъшавӣ ва коркарди партовҳои сахти саноатӣ, махсусан тафолаҳои истеҳсолоти металлургӣ ва оҳангудозӣ, ҳамзамон дорои ҷанбаҳои экологӣ, технологӣ ва иқтисодӣ мебошад. Ҷойгиркунии тӯлонии чунин партовҳо майдони истеҳсолӣ ва партовгоҳҳоро ишғол карда, хатари таъсир ба ҳаво, об, хок ва низомҳои биологиро ба миён меорад. Аз ҷониби дигар, таркиби минералӣ ва химиявии тафола имкон медиҳад, ки он ҳамчун ашёи хоми дуюмдараҷа дар истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ истифода шавад. Аз ин рӯ, гузариш аз ҷамъоварии партов ба коркарди он, иваз намудани қисми ашёи хоми табиӣ ва коҳиш додани хароҷоти истеҳсолӣ масъалаи воқеии рушди устувори саноат мебошад.

Интихоби мавзуъ бо «Барномаи давлатии экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2028» ва «Стратегияи рушди соҳаҳои сохтмони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», ки дар автореферат нишон дода шудаанд, робита дорад. Таҳқиқот ба ҳалли масъалаи мушаххас - асоснок намудани бехатарӣ ва самаранокии истифодаи тафолаи КВД «Коргоҳи машинасозӣ» дар истеҳсоли хишти сафолӣ, блоки бетонӣ ва тахтасангҳои пиёдароҳ - равона шудааст.

Дар автореферат корҳои муҳаққиқони хориҷӣ ва ватанӣ оид ба таркиб, хатари экологӣ, коркард ва истифодаи тафолаҳои металлургӣ дар саноати масолеҳи сохтмонӣ мавриди баррасии амсиқ қврор дода шгудаанд.

Аз таҳлил бармеояд, ки истифодаи партовҳои техногенӣ ҳамчун иловаи минералӣ дар ҷаҳон омӯхта шудааст, вале барои шароити Тоҷикистон, махсусан нисбат ба тафолаи корхонаи интихобшуда ва муайян намудани миқдори муносиби он дар се гурӯҳи маҳсулот, таҳқиқоти кофии таҷрибавӣ пешниҳод нашуда буд. Мавқеи рисола маҳз дар пур кардани ҳамин холигӣ ифода меёбад: муаллиф аз тавсифи ашёи хоми маҳаллӣ ба санҷиши таркибҳои озмоишӣ, муқоисаи хосиятҳои маҳсулот бо талаботи стандартӣ ва пешниҳоди нақшаҳои технологӣ гузаштааст. Чунин пайдарҳамӣ корро аз шарҳи умумии мушкилоти партовҳо фарқ карда, ба он самти мушаххаси татбиқӣ медиҳад.

Мақсади таҳқиқот таъмини бехатарии экологӣ тавассути коркард ва истифодаи дубораи партовҳои саноатии ҷамъшуда ва тасдиқи амалии имконияту мувофиқати истифодаи тафолаҳои оҳангудозӣ барои истеҳсоли масолеҳ ва маҳсулоти сохтмонӣ мебошад. Барои расидан ба он чор вазифа гузошта шудааст: таҳлили таркиб ва хосиятҳои ашёи хом; омӯзиши хосиятҳои сохтмонию техникии се навъи маҳсулот; муайян кардани шароити пухтани хишт ва коҳишёбии он вобаста ба миқдори тафола; таҳияи нақшаҳои технологӣ ва арзёбии самаранокии экологию иқтисодӣ.

Объекти таҳқиқот мавод ва масолеҳи сохтмонӣ дар асоси тафолаи оҳангудозии КВД «Коргоҳи машинасозӣ», мавзуи он бошад омӯзиши хусусиятҳои хишти сафолӣ, блоки бетонӣ ва тахтасангҳои пиёдароҳ дар асоси ҳамин тафола муайян шудааст. Байни мақсад, вазифаҳо, объект ва мавзуъ мутобиқати мантиқӣ вуҷуд дорад.

Асоси методологиро таҳлили адабиёт, муқоиса бо меъёрҳои стандартӣ, озмоиши лабораторӣ ва таҷрибавию истеҳсолӣ ташкил медиҳанд. Таҳлили химиявӣ, рентгенофазавӣ, гамма-спектрометрӣ, гранулометрӣ, муайян кардани гармиғунҷоиш, обҷаббандагӣ, зичӣ, мустаҳкамӣ ҳангоми фишурдан ва хамиш истифода шудаанд. Санҷишҳо бо такя ба ГОСТ 30108-94, 21216-2014, 530-2012, 8462-85, 10180-2012, 27006-86, 7473-2010, 10181-2014, 18105-2010, 22690-2015 ва 17608-2017 гузаронида шудаанд. Ин маҷмуи усулҳо барои ҷавоб додан ба вазифаҳои гузошташуда мувофиқ мебошад.

Навгонии илмии кор, пеш аз ҳама, ба тавсифи маҷмуии тафолаи корхонаи мушаххас ва муайян намудани имконияти истифодаи он дар се технологияи сохтмонӣ вобаста аст. Таҳлили таркиб нишон додааст, ки тафола дорои $Fe_2O_3$ то 47 фоиз ва $SiO_2$ то 48 фоиз буда, фаъолнокии хоси самараноки радионуклидҳои табиии он 25,24 Бк/кг мебошад. Ин

нишондиҳанда аз ҳадди 370 Бк/кг, ки дар автореферат барои маводи гурӯҳи якум оварда шудааст, паст буда, барои истифодаи масолеҳ дар сохтмон далели муҳими бехатарӣ мебошад. Натиҷаи дуюми муҳим муайян намудани таркиби муносиби хишти сафолӣ аст. Илова намудани 15 кг тафола ба 1 м$^3$ массаи гил дар ҳарорати 900-950 °С мустаҳкамиро ҳангоми фишурдан то 102,21-105,96 кгс/см$^2$ ва ҳангоми хамиш то 36,96-43,35 кгс/см$^2$ расонида, мутобиқати маҳсулотро ба тамғаи М100 таъмин намудааст. Муаллиф ҳамзамон нишон медиҳад, ки афзоиши миқдори тафола аз ҳадди муносиб метавонад мустаҳкамиро паст намояд. Арзиши ин натиҷа дар он аст, ки на танҳо имкони истифода, балки ҳудуди технологии истифодаи партов муайян шудааст.

Дар мавриди блокҳои бетонӣ нишон дода шудааст, ки тафола метавонад то 20 фоизи массаи портландсементро иваз намояд; мустаҳкамии намунаҳо пас аз 28 шабонарӯз дар ҳудуди 93,5-121,64 кгс/см$^2$ қарор гирифта, ба бетони М100 (В7,5) мувофиқ дониста шудааст. Барои тахтасангҳои пиёдароҳ иловаи 10 фоиза мустаҳкамии миёнаро то 23,32 МПа расонидааст ва истифодаи то 15 фоиз тавсия шудааст. Ҳамин тавр, навгонӣ барои ҳар маҳсулот бо миқдори муносиб ва нишондиҳандаи санҷидашуда алоқаманд мебошад.

Муодилаи вобастагии гармиғунҷоиши хоси системаи гил-тафола аз ҳарорат, нақшаҳои технологии истеҳсоли хишт, блок ва тахтасанг, инчунин натиҷаи патентшудаи «Массаи сафолӣ барои истеҳсоли хишт» (нахустпатенти Ҷумҳурии Тоҷикистон № TJ 1629, соли 2025) ҷанбаҳои дигари навгонии кор мебошанд. Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда моҳиятан натиҷаҳои тавсифи ашёи хом, санҷиши маҳсулот ва таҳияи технологияи истифодаи тафоларо фаро мегиранд ва ба мақсаду вазифаҳои диссертатсия мувофиқат мекунанд.

Аҳаммияти назариявӣ дар муайян намудани робитаи таркиб, миқдори тафола, реҷаи ҳароратӣ ва хосиятҳои физикию механикии маҳсулоти сохтмонӣ зоҳир мешавад. Маълумот дар бораи таркиби химиявӣ, гранулометрӣ, радиатсионӣ, фаъолнокии гидравликӣ ва гармиғунҷоиш метавонад барои омӯзиши минбаъдаи партовҳои монанди корхонаҳои металлургии ҷумҳурӣ замина фароҳам оварад.

Аҳаммияти амалӣ бештар равшан аст. Нақшаҳои пешниҳодшуда имкони ворид кардани тафоларо ба истеҳсоли хишт, блок ва тахтасанг пешбинӣ мекунанд; барои хишт аз омехта хориҷ кардани ангишт ҳамчун илова ва барои блок сарфаи то 20 фоизи семент нишон дода шудааст. Дар мисоли иқтидори солонаи 4 миллион хишти ҶДММ «Аква» самараи

экологию иқтисодӣ ба ҳар 1000 дона 135,21 сомонӣ ҳисоб шудааст. Натиҷаҳо инчунин метавонанд дар тайёр кардани бакалаврҳо ва магистрҳо дар самтҳои сохтмон, истеҳсоли масолеҳ ва ҳифзи муҳандисии муҳити зист истифода шаванд.

Эътимоднокии натиҷаҳо бо истифодаи усулҳои гуногуни таҳлилӣ, таҷҳизоти махсус, намунаҳои назоратӣ, санҷишҳои меъёрӣ ва иҷрои таҷрибаҳо дар якчанд озмоишгоҳи соҳавӣ асоснок шудааст. Қисме аз хиштҳо дар шароити воқеии ҶДММ «Аква» истеҳсол ва санҷида шудаанд. Барои хишт натиҷаи миёнаи панҷ санҷиш дар ҳар силсила зикр гардида, барои вобастагии гармиғунҷоиш хатогии то 0,62 фоиз ва эътимоднокии 95 фоиз оварда шудааст. Мутобиқати нишондиҳандаҳо ба тамғаҳо ва синфҳои стандартӣ имкони муқоисаи мустақими натиҷаҳоро фароҳам меорад.

Саҳми шахсии довталаб дар таҳияи ҳадафҳо, таҳлил ва низомнок кардани адабиёт, гузаронидани таҷрибаҳо, ҷамъбасти натиҷаҳо, таҳияи хулосаҳо ва муайян намудани миқдори муносиби тафола барои хишт ва блок ифода ёфтааст. Натиҷаҳо дар конференсияҳои Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ (2024-2025), конференсияи ҷумҳуриявии Филиали Донишгоҳи давлатии Москва дар Душанбе (2025), конференсияи байналмилалӣ дар Тошканд (2024) ва конференсияи ҷумҳуриявии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (2025) маъруза шудаанд.

Аз рӯйи мавзуъ 15 кори илмӣ нашр шудааст: 9 мақола дар маҷаллаҳои тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 5 мавод дар маҷмуаҳои конференсияҳо ва 1 нахустпатент. Ин сатҳи интишор ва апробатсия муҳтавои асосии натиҷаҳои диссертатсияро фаро гирифта, барои кори дараҷаи доктори фалсафа (PhD) қобили қабул арзёбӣ мешавад.

Диссертатсия аз муқаддима, чор боб, хулоса, рӯйхати адабиёт ва замимаҳо иборат буда, 193 саҳифа, 51 расм, 21 ҷадвал ва 130 номгӯйи адабиётро дар бар мегирад. Мантиқи сохтор аз шарҳи масъала ба тавсифи мавод ва усулҳо, сипас ба натиҷаҳои озмоишӣ ва дар анҷом ба таҳияи технология ва арзёбии иқтисодӣ мегузарад. Ҳафт хулосаи умумӣ ва чор тавсияи амалӣ ба чор вазифаи таҳқиқот робитаи бевосита доранд. Автореферат мазмуни асосӣ, навгонӣ, натиҷаҳои миқдорӣ, апробатсия ва интишороти диссертатсияро дар ҳаҷми кофӣ инъикос мекунад.

Бартариҳои асосии таҳқиқот иборатанд, аз:

1. Мавзуъ ба ҳалли масъалаи воқеии экологӣ, яъне кам кардани ҷамъшавии партовҳои тафолагӣ ва истифодаи захираҳои дуюмдараҷа равона шудааст.

2. Дастгоҳи илмии кор пайдарҳам буда, чор вазифа тамоми занҷири «ашёи хом - маҳсулот - технология - самара»-ро фаро мегирад.

3. Пойгоҳи методӣ маҷмуӣ буда, таҳлилҳои химиявӣ, минералогӣ, гранулометрӣ ва радиатсионӣ бо санҷишҳои физикию механикӣ муттаҳид шудаанд.

4. Таҳқиқот танҳо дар доираи лаборатория набуда, истеҳсоли таҷрибавии хишт дар ҶДММ «Аква» ва санҷиш дар озмоишгоҳҳои соҳавӣ анҷом ёфтааст.

5. Натиҷаҳо бо рақамҳои мушаххас ва муқоиса бо стандартҳо, аз ҷумла 25,24 Бк/кг, М100 барои хишт ва бетон, 23,32 МПа барои тахтасанг асоснок шудаанд.

6. Барои се навъи маҳсулот таркибҳои муносиби алоҳида муайян шуда, ҳудуди зиёдшавии илова, ки метавонад сифатро паст кунад, нишон дода шудааст.

7. Натиҷаи технологӣ бо нахустпатенти № TJ 1629 ҳифз гардида, дорои иқтидори баланди татбиқ ва тиҷоратикунонӣ мебошад.

8. Саҳми шахсии довталаб, апробатсияи натиҷаҳо ва шумораи интишорот дар автореферат равшан нишон дода шудаанд.

Ҳамзамон ҳангоми таҳлил баъзе норасоиҳо низ ба назар мерасад:

1. Тавсифи коркарди оморӣ барои ҳамаи силсилаҳои таҷриба яксон нест: шумораи такрорҳо, парокандагӣ, фосилаи эътимод ва меъёрҳои муқоисаи оморӣ барои блокҳои бетонӣ ва тахтасангҳои пиёдароҳ пурра нишон дода нашудаанд. Ворид кардани ин маълумот эътимоднокии натиҷаҳои микдориро тақвият медод.

2. Самараи 135,21 сомонӣ ба 1000 дона хишт ва сарфаи то 20 фоизи семент натиҷаҳои арзишманданд мебошад, вале дар автореферат сохтори хароҷот, нархҳои ҳисобӣ, хароҷоти майдакунӣ ва назорати сифат, инчунин ҳассосияти натиҷа ба тағйири нархҳо муфассал инъикос нашудааст. Шарҳи онҳо татбиқи саноатиро асоснoктар мегардонид.

Мулоҳизаҳои зикршуда оид ба норасоиҳо асосан хусусияти тавсиявӣ ва баҳснок дошта, арзиши умумии илмӣ, аҳаммияти назариявию амалии таҳқиқот ва натиҷаҳои асосии онро коҳиш намедиҳанд.

Дар маҷмуъ, таҳқиқот мустақилона, анҷомёфта ва дорои ягонагии дохилии мантиқӣ мебошад. Натиҷаҳои пешниҳодшуда унсурҳои навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва самти возеҳи амалӣ доранд. Мазмуни автореферат муҳтавои асосии диссертатсия, усулҳо, навгониҳо, натиҷаҳои миқдорӣ, хулосаҳо, тавсияҳо, апробатсия ва интишоротро инъикос менамояд. Мувофиқи маълумоти дар автореферат овардашуда, мавзуъ ба бандҳои 4.9 ва 4.12-и шиносномаи ихтисоси 6D060803 - Экология (илмҳои техникӣ) мутобиқат мекунад.

Диссертатсияи Изатуллозода Рамазон Хайрулло дар мавзуи «Арзёбии экологии истифодаи тафолаҳои оҳангудозӣ дар истеҳсоли маводи сохтмонӣ (дар мисоли КВД «Коргоҳи машинасозӣ»)» таҳқиқоти мустақилона, анҷомёфта ва дорои аҳаммияти назариявию амалӣ буда, ба талаботи муқарраргардида нисбат ба диссертатсияҳои барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060800 - Экология (6D060803 - Экология (илмҳои техникӣ)) пешниҳодшаванда ҷавобгӯ мебошад. Муаллифи диссертатсия Изатуллозода Рамазон Хайрулло сазовори дарёфти дараҷаи илмии мазкур мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
Маликов Тавакал Саидович - номзади илмҳои химия,
сармутахассиси Шуъбаи тиҷоратикунонии
натиҷаҳои илмӣ ва патенткунонии Раёсати АМИТ,
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

Имзои Маликов Т.С. - ро тасдиқ менамоям:

Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси АМИТ     Акрамзода Толиб

Суроғаи муассиса:
735730, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Ш. Душанбе, Рудакӣ 33

E-mail.: infj@anrt.tj

“31” 08 соли 2026

Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-091 назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ (734042, шаҳри Душанбе, хиёбони академикҳо, Раҷабовҳо, 10а, www.ttu.tj)

# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Изатуллозода Р.Х. дар мавзуи «Арзёбии экологии истифодаи тафолаҳои оҳангудозӣ дар истеҳсоли маводи сохтмонӣ (дар мисоли КВД «Коргоҳи машинасозӣ»)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060800 – Экология (6D060803 – Экология (илмҳои техникӣ))

Партовҳои техногенӣ, ки дар истеҳсолоти металургии металлҳои сиёҳ ҳосил мешаванд, ҳаҷми асосиро (зиёда аз 80%) партовгоҳҳои тафолаҳои пӯлодгудозӣ ташкил медиҳанд.

Дар КВД «Коргоҳи мошинасозӣ», мувофиқи ҳисобҳои солҳои 2000–2013, ба ҳисоби миёна зиёда аз 2,0 тонна шлаки пӯлодгудозӣ ҳосил мегардад. Ҷамовари ва нигоҳдории партовҳои тафола (шлакҳо) дар корхонаҳои саноатӣ дар атрофи корхонаҳо ба таври кушода анҷом дода мешавад, ки дар натиҷаи боридани борону барф обҳои ифлоси саноатӣ ҳосил шуда, ба ҳолати муҳити обӣ, хок ва биологӣ таъсири манфӣ мерасонанд.

Сабабҳои дараҷаи нокифояи истифодабарии партовҳои тафолаи пӯлодгудозӣ дар ҳамаи корхонаҳои металлургии ҷумҳурӣ инҳоянд: сатҳи нокифояи таҳқиқоти илмӣ дар ин самт, набудани таҷҳизоти технологӣ барои коркарди партовҳо ва истифодаи онҳо дар масолеҳи сохтмонӣ; набудани таҷрибаи ҷудогона захира кардани намудҳои гуногуни партовҳои технологӣ дар муддати тӯлонӣ дар корхонаҳо. Аз ин лиҳоз, дар кори илмии Изатуллозода Р.Х. дар мисоли тафолаи КВД «Коргоҳи мошинасозӣ» натиҷаҳои истифодабарии партовҳои ҳосилшуда дар масолеҳи сохтмонӣ (хиштҳои сафолӣ, блокҳои бетонӣ, тахтасангҳои пиёдароҳ) истифода шудааст.

Муаллиф дар автореферати дисертатсия дар асоси таҳқиқот, самти сарфакорона истифодабарии захираҳои табиӣ бо роҳи қисман иваз кардани ашёи хоми истеҳсолоти маводи сохтмонӣ бо партовҳои сахти корхонаҳои металлургӣ (оҳангудозӣ) таҳия намуда, барои беҳтар намудани хосиятҳои физикӣ-механикии маҳсулоти истеҳсолшуда, коркард ва нобудсозии партовҳои сахти саноатӣ ва дар ҳали бартараф намудани таъсири партовҳои сахти саноатӣ ба муҳити табиӣ (об, хок) аз назари илмӣ асоснок намудааст. Инчунин, дар кори илмӣ нақшаи технологии истеҳсоли хишти сафолӣ, блоки сементӣ ва тахтасангҳои (плитаҳои) роҳрав бо илова намудани партовҳои тафолаи оҳангудозӣ тавсия дода мешавад.

Мавзӯи кори диссертатсионӣ бо банди 4-и шиносномаи ихтисоси 6D060803 Экология (илмҳои техникӣ) мутобиқат мекунад. Саҳми муаллиф дар таҳия ва ҷамъбасти натиҷаҳои таҳқиқот, гузаронидани таҷрибаҳои озмоишӣ, таҳияи хулосаҳо ва муқарраротӣ асосии диссертатсия хуб ба назар мерасад.

Дар баробари натиҷаҳои хуби бадастовардашуда мехостем ҳамчун тавсия мулоҳизаҳои зеринро баён намоям:

- муаллиф дар тавсия намудани истифодабарии блокҳои бетонӣ, тахтасангҳои пиёдарох, ки бо иловаи тафола истеҳсол шудааст, аз руи шароити табиӣ ва иқлимӣ асоснок накардааст;
- дар кори илмӣ ҳуҷҷатҳои меъёрии амалкунанда (ГОСТ) пешниҳод шудаанд. Агар кори илмии муаллиф мувофиқи ҳуҷҷатҳои меъёрии амалкунанда бо нишон додани баъзе фарқиятҳо дар ҷадвалҳои овардашуда анҷом дода мешуд, сифати кор боз ҳам беҳтар мегардид.

Тавсияҳои дар боло овардашуда моҳияти кори таҳқиқотӣ ва қимати илмӣ ва амалии кори диссертатсиониро паст намекунад.

Диссертатсияи Изатуллозода Р.Х. таҳқиқоти илмии мустақилона ба анҷом расонидаи муаллиф мебошад, ки дорои натиҷаҳои илмӣ ва амалии нав аст. Он ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба диссертатсияи номзади ҷавобгӯй буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060800 – Экология (6D060803 – Экология (илмҳои техникӣ)) сазовор мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
доктори илмҳои техникӣ, ходми калони
илмии шуъбаи илм, робитаҳои байналмилалӣ
ва таъбу нашри Филиали Донишгоҳи
давлатии Москва дар ш.Душанбе Мирзозода Б

Имзои доктори илмҳои техникӣ, ходми калони илмии шуъбаи илм, робитаҳои байналмилалӣ ва таъбу нашри Филиали Донишгоҳи давлатии Москва дар ш.Душанбе Мирзозода Б - ро тасдиқ менамоям:

Мудири шуъбаи сиёсати кадрӣ ва корҳои
махсус Филиали Донишгоҳи
давлатии Москва дар ш.Душанбе Пирназаров С.М.

**Суроғаи муассиса:**
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Шоҳтемур 42,
Тел.: 372 21 9941
E-mail.: www.msu.tj
«27» 08 соли 2026